«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С.
______________________
«26» 03 соли 2024

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Ташаккули назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Муминзода Маҳмадшариф Нозим соли 2020 бакалавриятишуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос ва соли 2022 магистратураи факултети мазкурро хатм намудааст. Аз соли 2021 то ҳол дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ҳайси ассистент фаъолият намуда истодааст.

Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар давраи омода намудани диссертатсия (2022-2024) ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2024 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмии Муминзода Маҳмадшариф Нозим доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи

факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул гардид:

**Мубрам будани мавзуи пажуҳиш аз ҷониби унвонҷӯ чунин асоснок гардидааст,** ки ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Доштани қувваи мусаллаҳ аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ ба шумор рафта, кафили боэътимоди миллат дар баробари таҷовузҳои хориҷӣ ва эътидолбахши хатарҳои сатҳи дохилӣ ба шумор меравад.

Ба ақидаи унвонҷӯ, яке аз сабабҳои нигоҳ дошта натавонистани ҳокимият ва тартиботи ҷамъиятӣ дар рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ надоштани қувваи боэътимоду вафодор буд. Ҳамин аст, ки раҳбарияти олии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ин омили муҳимми давлатдориро дарк намуда, ба вазъи мушкили сиёсию иқтисодӣ нигоҳ накарда, ба ташкили Қувваи Мусаллаҳ (минбаъд ҚМ) оғоз кард.

Даъвати ҳарбӣ бо мақсади таъмини манфиатҳои ҷамъиятии мудофиа ва амнияти давлат муқаррар карда шуда, ҳангоми иҷрои он ҳуқуқу озодиҳо, манфиатҳои шахсии шаҳрвандони уҳдадор бештар ва ё маҳдуд карда мешавад.

Дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ уҳдадориҳои конститутсионии шахс, дар маҷмуъ, пурра ва асоснок омӯхта нашудаанд. Аз ҷумла, таҳқиқоти мустақилонаи уҳдадории ҳарбие, ки масъалаҳои назариявиро бо назардошти таҷрибаи дохилӣ ва хориҷии танзими ҳуқуқӣ ва иҷрои уҳдадории ҳарбӣ ҳал намояд, то ҳол вуҷуд надорад.

Қобили зикр аст, ки айни замон механизмҳои таъмини амнияти миллӣ ва мудофиаи кишвар дар таҳаввулот қарор дорад. Тамоюли ҷаҳонии қатъи даъвати ҳарбӣ дар замони осоишта, ки бо тағйироти ҷомеаи муосир алоқаманд аст, мушкилоти демографӣ ва афзоиши зарари иқтисодӣ аз даъвати шаҳрвандони соҳибихтисос дар кишварҳои пешрафта, таҳкими аҳаммияти арзишҳои умумиинсонӣ, ҳуқуқ ва

озодиҳои инсон, маҳкум намудани милитаризм ва таҷовуз, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, мушкилоти сиёсии истифодаи даъватшавандагон дар муноқишаҳои ҳарбӣ, ҚМ (мушкилоти техникаи ҳарбӣ ва ихтисосҳои ҳарбӣ) ва хусусияти муноқишаҳои ҳарбӣ дастгирии дахлдори ҳуқуқӣ ва асоснокии консептуалиро талаб мекунад. Айни замон ба таври худсохт нусхабардории баъзе таҷрибаҳои «универсалӣ» ва таҷрибаи хориҷӣ бе мутобиқат ва асосноккунии дуруст ғайримантиқӣ мебошад, зеро танзими он ба анъанаҳои таърихӣ асос ёфта, созгорӣ ва ихтилофи он ба минталитети миллӣ ба назар мерасад.

Ба таъкиди унвонҷӯ, институти уҳдадории ҳарбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол марҳилаи ислоҳоти тадриҷӣ ва мунтазамро аз сар мегузаронад. Ин, пеш аз ҳама, дар тағйир додани шаклҳои иҷрои уҳдадории ҳарбӣ зоҳир мегардад. Навовариҳои аз ҳама намоён ва бунёдӣ дар ин самт ҷорӣ намудани хизмати алтернативии шаҳрвандӣ (сафарбаркунӣ) буда, ҳамзамон, ҷалби шахсони маълумоти олидоштаро дар бар мегирад. Ин тағйирот дар тартиби адои хизмати ҳарбӣ, дар навбати худ, ба қоидаҳои тартиби бақайдгирии ҳарбӣ ва тартиби даъвати ҳарбӣ таъсир расонида, ифодагари он аст, ки давлат пайваста кӯшиш менамояд, то шаклҳои нави иҷрои уҳдадории ҳарбиро инкишоф дода, самаранокии шаклҳои мавҷударо беҳтар намояд. Аз мушкилоти назариявию ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ бархӯрди манфиатҳои қонунии шаҳрвандон дар хизмати ҳарбӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, дар марҳилаи кунунии ташаккули давлати миллӣ омӯзиши таърихӣ ва ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ муҳим буда, барои ислоҳоти минбаъдаи он пешниҳод ва тавсияҳои дахлдор зарур мебошад. Ҳарчанд уҳдадории ҳарбӣ аз ҷониби донишмандони хориҷӣ ба унвони як мавзуи мубрам мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад ҳам, вале то имрӯз дар ҳуқуқшиносии ватанӣ таваҷҷуҳи олимони ватаниро ба худ ҷалб накардааст.

Муҳаққиқ мавзуи уҳдадории ҳарбиро бо усулҳои илмӣ таҳлил намуда, мафҳуми ҳуқуқи хидмати ҳарбӣ ва уҳдадории ҳарбиро ба маънои субъективӣ ва объективӣ манзур ва нақши онро дар рушди низоми

ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишвар муҳим арзёбӣ намудааст. Зимни омӯзиши масъалаи мазкур унвонҷӯ як қатор хулосаҳои илмӣ ва дар заминаи онҳо пешниҳодҳои мушаххас пешкаш кардааст.

**Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсиониро,** пеш аз ҳама, муайян намудани хусусияти ҳуқуқӣ, мазмун, шаклҳои танзим ва рушди уҳдадории ҳарбӣ дар шароити муосир, бо назардошти хусусиятҳои ҳуқуқӣ, таърихӣ ва сиёсии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Бо назардошти ҳадафи зикргардида дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳое гузошта шудаанд, ки мазмунан аз инҳо иборатанд:

– омӯхтани моҳияти ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ;

– таҳлили мафҳуми уҳдадории ҳарбӣ;

– муайян намудани сабаб ва омилҳои бавуҷудоии институти уҳдадории ҳарбӣ;

– муайян намудани хусусиятҳои хизмати умумии ҳарбӣ дар Тоҷикистон;

– таҳлили инкишофи таърихию ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ;

– таҳлили асосҳои ҳуқуқии амалишавии уҳдадории ҳарбӣ дар ҶТ ва роҳҳои имконпазири такмили онҳо;

– таҳлили муқоисавии уҳдадории ҳарбӣ дар кишварҳои гуногун.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Таҳқиқот оид ба масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ омӯхтани асосҳо ва принсипҳоеро дар бар мегирад, ки мафҳуми уҳдадории ҳарбиро дар тули таърих асоснок мекунанд. Дар таълифи диссертатсия ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқоти илмии донишмандони хориҷӣ, аз қабили К.И. Слесарский, Н.А. Маслов, С.В. Чибисов, М.А. Пронина, М.А. Гречухина, И.В. Коршунова, Э.А. Юнусов, А.С. Климова, Н.М. Богатирёва ва донишмандони ватанӣ Э.С. Насриддинзода, А.Ғ. Холиқзода, Э.Б. Буризода, Р.Ш. Шарофзода, У.А. Азиззода, Х.О. Ойев, Н.И. Бобоева, Ш.М. Мусоев, А.М. Мирзокаримзода, Н.М. Назаршоев ва дигарон истифода шудааст.

**Дар пажуҳиш муаллиф аз усулҳои** умумӣ ва махсус истифода намудааст, ки маъмултарини онҳо усулҳои таҳлили низомнок, усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил, синтез, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро** нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва таклифҳои муаллиф, ки дар натиҷаи таҳлили илмӣ ва пажуҳиши таърихӣ-назариявии ҳуқуқ ба уҳдадории ҳарбӣ ба даст омадаанд, ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз нахустин таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба омӯзиш ва пажуҳиши масъалаҳои таърихӣ-назариявии ҳуқуқ ба хидмати ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар пажуҳишҳо ва омӯзишҳои минбаъдаи уҳдадории ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ҳангоми такмили қонунгузорӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия Муминзода М.Н. дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» бо шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонт аз 26.09.2020, №5030» мувофиқат дошта, яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқшиносӣ дар шинохтӣ паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқии хизмати ҳарбӣ ба шумор рафта, дар такмили институти уҳдадории ҳарбӣ мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Масъалаҳои

назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии ҶТ дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021-2025» омода гардидааст.

**Татбиқи натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқот ва пешниҳодҳои диссертант метавонад дар такмили қонунгузорӣ дар соҳаи даъвати ҳарбӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хизматчиёни ҳарбӣ, таҳлили консепсияҳои назариявӣ ба оптимизатсияи системаҳои ҷалбкунию таълим ва самараноктар кардани қувваҳои ҳарбӣ, инчунин, дар таҳияи барномаҳои фарогирии иҷтимоӣ барои собиқадорон ва беҳтар кардани гузариши онҳо ба ҳаёти шаҳрвандӣ мусоидат кунад.

Аҳаммияти амалии диссертатсия, инчунин, дар таҳияи консепсияҳои амнияти миллӣ дар асоси фаҳмиши хизмати ҳарбӣ ҳамчун унсури стратегияи амнияти давлат ба назар мерасад.

Ҳамчунин, натиҷаи кори диссертатсионӣ ҳамчун маводи ёрирасон барои муҳаққиқон, докторантони Ph.D, унвонҷӯён ва ба симати воситаи таълимӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои ?? муассисаҳои таҳсилоти олӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад.

**Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо** сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокшуда, интишороти илмӣ, ки бо саъю талоши бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, бо маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ собит мегардад.

**Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои** муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ 12 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд, аз ҷумла:

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ чоп шудаанд**


[1-М]. Муминзода, М.Н. Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии магистратура [Матн] / М. Н. Муминзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 1(25). – С. 293-302.

[2-М]. Муминзода, М.Н. Моделҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ [Матн] / М.Н. Муминзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №4 (44). – С. 73-79.

[3-М]. Муминзода, М.Н. Масъалҳои ҳуқуқии муайян намудани мафҳуми уҳдадории ҳарбӣ [Матн] / М.Н. Муминзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 1 (29). – С. 81-92.

[4-М]. Муминзода М.Н. Принсипҳои уҳдадории ҳарбӣ [Матн] / Э.С. Насриддинзода, М.Н. Муминзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №3 (47). – С. 89-95.

[5-М]. Муминзода М.Н. Заминаҳои ҳуқуқӣ ва омилҳои рушди ҳисси ватандӯстӣ дар асоси қабули стратегия [Матн] / М.Н. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 4-1. – С. 251-256.


**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Ташаккули назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Ташаккули назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» ба марҳилаи баъдӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси № 7/1 аз 20-уми марти соли 2024.

**Раиси ҷаласа:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Саъдизода Ҷ.

**Котиби ҷаласа:** Иброҳимзода Ш.

Имзоҳои Ҷ. Саъдизода ва
Ш. Иброҳимзодаро тасдиқ мекунам
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«20» 03 2024